**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди ДМТ (734025, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак)**

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи пешбар ба диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод мегардад.**

Иинкишофи сайёҳии байналмилалӣ дар замони муосир ба яке аз самтҳои муҳимтарини иқтисоди ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Тибқи омор, афзоиши пайвастаи сафарҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки ин соҳа танҳо манбаи даромад нест, балки омили тавсеаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ, таҳкими дӯстӣ ва муаррифии фарҳанг ба ҷаҳониён мебошад. Тоҷикистон, бо захираҳои беназири табиӣ, мероси таърихию фарҳангӣ ва имкониятҳои гуногуни истироҳативу табобатӣ, қудрати он дорад, ки мавқеи арзандаро дар бозори байналмилалии туризм соҳиб гардад.

Дар паёмҳои Пешвои миллат низ ба рушди ин бахш аҳамияти махсус дода мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ аз 28 декабри соли 2024 рушди сайёҳиро яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ арзёбӣ намуда, зарурати ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва тақвияти сайёҳии дохилиро таъкид карданд. Тибқи омори солҳои охир, шумораи меҳмонон ба кишвар ба таври назаррас афзуда, Тоҷикистонро ба як макони ҷолиб барои шаҳрвандони кишварҳои мухталиф табдил додааст.

Бо вуҷуди пешравиҳо, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки иқтидорҳои мавҷуда то ҳол пурра истифода намешаванд. Мушкилоти ҳуқуқӣ, набуди механизмҳои возеҳи ҳифзи манфиатҳои сайёҳон ва камбуди танзими созишномаҳои байналмилалӣ баъзан ба муомилаҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ монеа эҷод мекунанд ва сатҳи боварии сармоягузорони хориҷиро коҳиш

медиҳанд. Аз ин рӯ, зарурати таҳқиқоти илмӣ ва амалии ҷиддӣ дар самти такмили қонунгузории сайёҳӣ, мутобиқ намудани он ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами кишварҳои муваффақ ба миён меояд.

Дар автореферати диссертатсия Самизода Ф. Д. зикр менамояд, ки сайёҳии байналмилалӣ ҳамчун фаъолияте муайян карда мешавад, ки дар он шахсони воқеӣ аз як кишвар ба кишвари дигар бо мақсадҳои гуногун, аз қабили истироҳат, кор, таҳсил, табобат ё омӯзиши фарҳанг, сафар мекунанд. Тибқи тавсияҳои Созмони Ҷаҳонии Сайёҳӣ (СҶС), сайёҳии байналмилалӣ муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дар бар гирифта, ба рушди иқтисоди миллӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Дар автореферати диссертатсия ҳамоҳангӣ ва мувофиқати комили объект, предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо навгониҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба назар мерасад. Навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба муҳтаво ва мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошад.

Автореферат матни асосии диссертатсияро инъикос намуда, мутобиқи меъёрҳои муайяннамуда барои таҳияи диссертатсияҳо ва автореферати диссертатсия мебошад.

Новобаста аз муваффақиятҳо дар автореферат як қатор камбудиҳоро мушоҳида намудан мумкин мебошад:

1. Дар боби аввал хуб мешуд аз таҳқиқотҳои олимони ватанӣ бештар истифода мегардид.

2. Бояд иқрор шавем, ки дар автореферат баъзе аз норасоиҳои ҷузъӣ низ роҳ ёфтаанд. Аз ҷумла, дар матни чопии автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Норасоиҳои ҷойдошта ба мазмуни автореферат таъсири ҷиддӣ нарасонида, арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Самизода Ф. Д. аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисматҳои асосии таҳқиқот, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва аннотатсия иборат мебошад.

Мутобиқи таҳлили мазмун, сохтор ва натиҷаҳои илмии рисолаи диссертатсионӣ, метавон ба хулоса омад, ки автореферат ба муҳтавои умумии таҳқиқот пурра мувофиқ буда, ба талаботи низомномаҳои амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Мавзуъ, ҳадаф, вазифа, асосҳои методологӣ ва натиҷаҳои бадастомада сатҳи баланди омодагии илмии муҳаққиқро собит намуда, шаҳодат медиҳанд, ки

Самизода Фурқат Давлаталӣ сазовори ба даст овардани он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.ҳ., мудири кафедраи
хадамоти гумрукии Донишгоҳи
давлатии Данғара Соҳибзода М.С.
«24» 09 соли 2025
Тел.: (+992) 883 08 11 01
E-mail: dangara86@mail.ru

«Имзои н.и.ҳ. Соҳибзода М.С. -ро
тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи
кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.
«24» 09 соли 2025

**Суроғаи муассиса:**
735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш-ки Данғара, к. Марказӣ, 25
Тел.: (+992)8331222842
E-mail: dddangara_2013@mail.ru